Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-079–и назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33)

## ТАҚРИЗ

ба диссертатсияи Хоҷаев Ҳикматулло Ҳимматович дар мавзуи «Тундгароии динӣ ва паҳншавии он дар шароити тағйирпазирии ҷомеа (таҷрибаи Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз руйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар мавзуи «Тундгароии динӣ ва паҳншавии он дар шароити тағйирпазирии ҷомеа (таҷрибаи Тоҷикистон)» бо шиносномаи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мутобиқат менамояд. Дар банди 7-уми шиносномаи ихтисоси мазкур «Нақши дин дар ҷомеа», «Дину мазҳабҳои асосии замони муосир», «Мазҳабҳои тоталитарӣ», «Масъалаи таносуби ҳокимияти динӣ ва дунявӣ дар доктринаҳои мухталифи динӣ», «Масъалаҳои муколамаи байнимазҳабӣ» ва монанди инҳо барои таҳқиқ пешбинӣ гардидаанд.

**Мубрамияти мавзуъ.** Дар замони ҷаҳонишавӣ, тағйирёбии босуръати вазъи сиёсии ҷаҳон ва пешрафти бесобиқаи технологияҳои муосир, асри XXI бо яке аз мушкилоти ҷиддӣ ва хатарзо рӯ ба рӯ шудааст, ки ҷомеаи башариро ба ташвиш овардааст – тундгароии динӣ. Омӯзиш ва таҳлили роҳҳои коҳиш додани таъсири ин падида ва нақши харобиовари он дар сиёсати байналмилалӣ ва муносибатҳои байнидавлатӣ аҳамияти махсус ва калидӣ пайдо кардааст.

Воқеан, тундгароии динӣ ҳамчун яке аз ҷиддитарин таҳдидҳо ба фарҳанг ва тамаддуни башарӣ, инчунин арзишҳои умумиинсонӣ шинохта шуда, ба сулҳу субот ва рушди устувори ҷомеаи муосир таъсири манфии амиқ мерасонад. Ин зуҳуроти номатлуб маъмулан дар шакли амалҳои тахрибкоронаи иҷтимоӣ ифода ёфта, амнияти давлатӣ ва суботи ҷомеаро халалдор мекунад.

Тундгароии динӣ бо вайронсозии арзишҳои суннатӣ ва иҷтимоӣ, истифодаи зӯроварӣ, куштор ва терроризм алоқаманд аст, ки барои ифротгароён ҳамчун воситаи асосии татбиқи барномаи идеологии онҳо хизмат мекунад. Тақвияти ин идеология боиси таҳрифи шуури шахс ва ҷомеа гардида,



Сканировано с CamScanner

бо ин роҳ афроди зиёдеро ба доми худ кашида, ба ҷаҳонбинӣ, афкор ва арзишҳои онҳо таъсири ҷиддӣ мерасонад. Дар натиҷа, ин раванд метавонад гурӯҳҳои хушунатомез ва ифротиро ба вуҷуд оварад, ки барои суботу амнияти ҷомеа хатари ҷиддӣ доранд.

Аксар вақт, тундгароёни динӣ ва намояндагони терроризми байналмилалӣ дини исломро ҳамчун ниқоб истифода бурда, бо зоҳирсозии мазҳабӣ ҳадафҳои ғаразноки сиёсӣ ва идеологии худро амалӣ менамоянд.

Дар ин замина, таҳқиқи тундгароии динӣ имрӯз аҳамияти махсус пайдо кардааст, зеро ин падида на танҳо ба суботи ҷомеа, балки ба амнияти ҷаҳонӣ низ таҳдид менамояд. Бо афзоиши таъсири он, зарур аст, ки муҳаққиқон ва сиёсатшиносон моҳияти шаклҳои муосири зуҳуроти онро дақиқ таҳлил намуда, роҳҳои муассири пешгирӣ ва коҳиши таъсири онро баррасӣ кунанд.

Ҳамин тариқ, се масъалаи калидӣ бояд мавриди таваҷҷуҳи илмӣ қарор гирад. Аввал, тундгароии динӣ ҳамчун падидаи бо хушунати иҷтимоӣ алоқаманд бояд аз дидгоҳҳои гуногуни илмӣ, хусусан сиёсатшиносӣ, таҳқиқ шавад. Ҷалби ҷавонони ноогоҳ ба идеологияҳои ифротӣ, ки дар ҷустуҷӯи адолати иҷтимоӣ қарор доранд, ин равандро боз ҳам хатарноктар месозад. Дуввум, ифротгароии динӣ имрӯз дар афкори иҷтимоӣ бештар бо экстремизм ҳаммаъно дониста мешавад, ки нишон медиҳад, чӣ гуна он дар сатҳи ҷаҳонӣ доман паҳн мекунад ва на танҳо табақаҳои муайян, балки шумораи зиёди одамонро фаро мегирад. Хусусияти ин раванд барои насли ҷавон хусусан хатарнок арзёбӣ мешавад.

Севвум, гуногуншаклии тундгароӣ ва пинҳонкории он боиси душвории ошкор ва таҳлили дақиқи ин падида мегардад. Аз ин рӯ, омӯзиши он бояд бо истифода аз методологияи чандсоҳа, бо ҷалби илмҳои сиёсӣ, ҳуқуқ, равоншиносӣ, диншиносӣ ва фалсафа анҷом дода шавад. Танҳо таҳлили амиқ ва фарогир метавонад ба таҳияи стратегияҳои муассири мубориза бо ин зуҳуроти хатарнок мусоидат намояд.

Аҳамияти мавзуи диссертатсия, инчунин, дар он таҷассум мeёбад, ки баланд бардоштани маърифати сиёсӣ ва худшиносии миллии ҷавонон метавонад ҳамчун воситаи муассири пешгирии тундгароии динӣ хидмат кунад. Бо дарназардошти вазъи фазои иттилоотии Осиёи Марказӣ, ки паҳншавии эҳтимолии ин падидаро нишон медиҳад, метавон гуфт, ки он таҳдиди ҷиддӣ ба низоми амнияти кишварҳои минтақа ба шумор меравад.

Дар ин замина, ҳамкории муассири мақомоти салоҳиятдори кишварҳои минтақа дар самти филтр ва назорати муҳтавоҳои иттилоотӣ метавонад як механизми калидӣ дар муқовимат бо тундгароии динӣ гардад. Ин иқдом, бо назардошти таъсири ҷаҳонишавӣ, ки ҳам имконоти иттилоотиро васеъ намуда, ҳамзамон таҳдидҳои нав ба вуҷуд овардааст, аҳамияти бештар пайдо мекунад.



Сканировано с CamScanner

Хусусан, бо рушди технологияҳои рақамӣ ва афзоиши нақши шабакаҳои иҷтимоӣ дар интишори ақидаҳои ифротӣ, хатари паҳншавии тундгароии динӣ дар ҷомеа афзоиш ёфтааст. Аз ин рӯ, таҳияи стратегияҳои самарабахш дар самти мубориза бо таблиғоти ифротӣ дар фазои рақамӣ бояд яке аз авлавиятҳои сиёсати амниятии кишварҳои минтақа бошад.

Бинобар ин, таҳқиқоти диссертатсионии пешниҳоднамудаи Хоҷаев Ҳикматулло Ҳимматович дар мавзуи «Тундгароии динӣ ва паҳншавии он дар шароити тағйирпазирии ҷомеа (таҷрибаи Тоҷикистон)», мубрам аст.

**Дараҷаи асоснокии нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳод кардашуда**. Дар диссертатсия муаллиф бори аввал дар доираи таҳқиқоти сиёсатшиносии ватанӣ тундгароии динӣ ҳамчун падидаи мустақилро мавриди омӯзиши амиқ қарор дода, фарқияти он аз экстремизм ва терроризмро нишон додааст.

Ҷанбаҳои зерин ҳамчун навгонии илмӣ қайд мешаванд:

– хусусиёт ва моҳияти фарқкунандаи «тундгароии динӣ» омухта шуда, манбаҳоии асосии ақидатӣ ва ҷаҳонбинии ин ҷараён бараси гардидаанд;

– сабабҳои пайдоиш, ташаккул ва паҳн гаштани ин падидаи номатлуб дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон баён гардидааст;

– роҳҳо, шаклёбӣ ва рушди ҷаҳонфаҳмӣ ва ҷаҳонбинӣ, инчунин моҳияти тафаккури сиёсӣ ва ҳуқуқии насли наврас дар кишвар мавриди таҳлили интиқодӣ қарор гирифтааст;

– василаҳоии асосии боло бурдани сатҳи шуъурнокӣ ва маърифати сиёсии насли наврас омӯхта шуда, роҳҳо ва омилҳои пуртаъсири мубориза ва муқовимат ба тундгароии динӣ таҳлил гардидаанд;

– ҷойгоҳ ва мақоми васоити ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар нашр ва паҳн намудани таълимоти тундгароии динӣ омӯхта шуда, тарз, усул ва роҳҳои муқовимат бо ин падидаии номатлуб пешкаш гардидаанд.

– нақши афкор ва арзишҳои миллӣ дар раванди мубориза бо гурӯҳҳои тундгарои динӣ муайян карда шудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Аҳамияти илмӣ ва амалӣ таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки тундгароии динӣ ҳамчун падидаи мураккаби иҷтимоӣ, идеологӣ ва ҷаҳонбинӣ таҳлил гардида, омилҳо ва заминаҳои пайдоиши он равшан карда шудаанд. Бо ошкор намудани хусусиятҳои сиёсӣ ва иҷтимоии ин падида дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон, таҳқиқот метавонад заминаи назариявӣ ва амалӣ барои омӯзиши минбаъдаи тундгароии динӣ фароҳам оварад.

Маводи диссертатсия дорои арзиши амалӣ буда, метавонад дар таҳияи барномаҳои таълимӣ ва курсҳои махсус оид ба сиёсатшиносӣ, исломшиносӣ, диншиносӣ, низоъшиносӣ, равоншиносии ҳуқуқӣ ва фалсафаи иҷтимоӣ



Сканировано с CamScanner

истифода шавад. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сохторҳои амниятӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ ҳамчун маводи ёрирасон хидмат намоянд.

Илова бар ин, таҳқиқоти мазкур метавонад ба ҳайси маводи таълимӣ барои донишҷӯён, шунавандагони курсҳои махсус, омӯзишгоҳҳои ҳарбӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон истифода гардад. Ҳамин тариқ, татбиқи амалии натиҷаҳои пажӯҳиш метавонад ба таҳкими амнияти иттилоотӣ ва сиёсати муқовимат ба тундгароии динӣ дар ҷомеа мусоидат намояд.

**Сохтори кор** аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, ду боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

Боби якуми диссертатсия **«Тундгароии динӣ дар низоми сиёсати ҷаҳони муосир: асосҳои назариявӣ ва методологии зуҳур, хусусият ва моҳияти он»** ба масъалаҳои омӯзиши асосҳои назариявӣ усул ва хусусиятҳои бевоситаи тундгароии динӣ, инчунин сабабҳои пайдоиш ва заминаҳои ташаккулёбии он бахшида шудааст. (С. 19-87)

Аз ҷумла, муаллиф қайд менамояд, ки Имрӯз зарурати он расидааст, ки бо назардошти моҳияти ин таълимотҳо кишварҳои иттиҳоди зиддитеррористӣ бояд ба чорабиниҳои худ хусусияти давомнок ва дарозмуддат бахшанд ва дар муқобили тундгароён бо усулҳои худи онҳо мубориза баранд. Дар баробари ин дар роҳи мубориза бо тундгароён зарур аст, ки аз роҳи таҳамулпазирӣ, муколамаи байнифарҳангӣ, байнидинӣ ва байни миллату халқҳо кор гирифта, дар ташаккули идеологияи зиддитундгароӣ волоияти фарҳанги сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявиро нишон дод. Барои бо муваффақият анҷом додани ин ҳадафҳо бояд идеология ва амалияи тундгароиро ба воситаи маъракаҳои иттилоотию таълимӣ аз ҷониби институтҳои давлатӣ, васоити ахбори омма, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ислоҳоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ ба мақсади демократкунонии тамоми соҳаҳои ҷомеа, баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагӣ, тавонмандии табақаҳои иҷтимоӣ, бахусус гурӯҳҳои камбизоат, таъмини муколамаи баробарҳуқуқӣ байни конфессияҳо ва миллатҳо, иттиҳоди минтақавӣ ва ҷаҳонӣ фароҳам овард. Пурра аз байн бурдани тундгароӣ ғайриимкон аст, вале поён овардани шиддати зуҳуроти харобиовари он комилан имконпазир мебошад. (С. 47)

Боби дуюми диссертатсия **«Тундгароии динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ба омӯзиши як қатор масъалаҳои мубрами ҷомеаи Тоҷикистон бахшида шуда, дар он масъалаи, паҳн гардидани ғояҳои тундгароӣ ва ифротгароӣ тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ дар муҳити ҷавонон ва роҳу воситаҳои пешгирии ҳуқуқии ин падидаи номатлуб баррасӣ гардидааст. (С. 88-148).



Сканировано с CamScanner

Диссертант қайд менамояд, ки паст намудани шиддат ва аз байн бурдани тундгароии динӣ яке аз масъалаҳоии доғи рӯз ва вазифаҳои институтҳои иҷтимоӣ, сохторҳои қудратии давлат, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳар як фарди мамлакат маҳсуб меёбад. Мутаъсифона бо сабабҳои заифии ҷомеаи шаҳрвандӣ, танҳо давлат самараноки ин амалро бар души худ гирифта аст. Ба андешаи муаллиф, дар айни замон мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар сиёсати стратегии давлатӣ бояд дар муқовимат ба зуҳуроти тундгароии динӣ нақши пешбарро бозанд. Барои таҳияи сиёсати самаранок, дар мадди аввал зарур аст, баъзе мафҳумҳои заруриро тавзеҳ дод. зарурати он расидааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «Консепсияи муносибатҳои давлатӣ-конфессионалӣ» таҳия ва қабул карда шавад. (С. 147)

**Дар хулоса** диссертант пайдарпай маҷмуи хулосаҳои асосиро пешниҳод менамояд. Аз ҷумла, қайд гардидааст, ки а) тундгароии динӣ дар шаклҳои гуногун аз замонҳои қадим вуҷуд дошт. Дар замони муосир, бо сабаби зӯроварӣ ба ҷои тарс аз қонун, тундгароён барои идораи одамон аз усулҳои ҳаросафканӣ истифода мебаранд; б) тундгароии динӣ таҳти таъсири ҷаҳонишавӣ зиёд шуда, дар кишварҳо сабаби бесуботии иҷтимоиро ташкил медиҳад. Барои ҷаҳони ислом, ҷаҳонишавӣ як таҳдид аст, чунки Ғарб арзишҳои худро насб мекунад; в) тундгароии динӣ яке аз ҷузъҳои экстримизми байналмилалӣ мебошад, ки бар зидди идеологияи дунявӣ ва секулярӣ мубориза мебарад. Пайравони ин ҷараён худро муҳофизони асосҳои дини ислом ва урфу одатҳои он медонанд; г) тундгароии динӣ ба ҷузъи ҷанги геосиёсии абарқудратҳо дар минтақаи Осиёи Марказӣ вобаста аст, ки манзараи геоиқтисодӣ ва геостратегӣ дорад; д) рушди фарҳанги сиёсӣ ва ҳуқуқӣ барои таҳкими ҳамзистии осоишта ва таҳаммулпазирӣ муҳим аст. Он дар роҳи ҳимояи анъанаҳои миллӣ ва динӣ нақши муҳим дорад.

**Пуррагии дарҷи нуктаҳои илмии диссертатсия дар корҳои нашрнамуда.**

Хулосаҳои ва нуктаҳои назариявӣ, тавсияҳои илмӣ-амалии диссертант дар 1 монографияи илмӣ, 6 мақолаи илмӣ ва 2 маърузаи илмӣ инъикос ёфтаанд. Мақолаҳои илмии довталаб дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп гардидаанд. Маърӯзаҳои илмии муаллиф дар маводи конференсияҳои ҷумҳуриявӣ нашр гардидаанд. Дар интишороти муаллиф натиҷаҳои асосии диссертатсия, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои амалии довталаб пешниҳод шудаанд.

Автореферат муҳтавои корро инъикос намуда, ба талаботҳои дахлдор ҷавобгӯ аст.



Сканировано с CamScanner

**Эродҳо нисбати муҳтавои диссертатсия.** Дар умум таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳқиқоти илмии мустақилона мебошад, ки дар он муаллиф пайдарпай хулосаҳо, нуқтаҳо ва тавсияҳои худро асоснок менамояд. Ҳамзамон дар диссертатсия лаҳзаҳои баҳснок низ дида мешаванд, ки онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1. Чи гунае ки маълум аст, дар шароити имрӯза яке аз омилҳои паҳншавии ғояҳои тундгароии динӣ шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ мебошад. Хуб мебуд, агар дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур паҳншавии тундгароии динӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ дар зербоби алоҳида омӯхта мешуд.

2. Дар таҳқиқоти мазкур дар аксар маврид сухан дар бораи тундгароии исломӣ меравад. Агар ба тундгароии динии намояндагони динҳои дигар низ таваҷҷуҳи бештар дода мешуд, мазмуну мундариҷаи диссертатсия комилтар мегардид.

3. Дар матни диссертатсия баъзан хатоҳои услубӣ ба назар мерасанд.

**Хулоса оид ба мутобиқатии диссертатсия ба талаботҳои муқарраршуда.** Дар умум эродҳои қайдшуда ба баҳои умумии мусбии таҳқиқоти илмӣ таъсир намерасонанд.

Диссертант асоснок мафҳумҳои назариявӣ, хулосаҳо, тафсирҳои худро иброз менамояд, мавқеи худро далелнок менамояд бо нишон додани донишҳо на танҳо дар соҳаи илмҳои сиёсӣ, балки дар дигар соҳаҳои илм низ.

Муаллиф ба мақсади асосии диссертатсия расида, вазифаҳои гузошташуда пайдарпай ва асоснок иҷро шудаанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои хислати эҷодӣ ва аслӣ мебошад. Муҳтавои диссертатсия ва автореферат, нашрияҳои диссертант имкон медиҳад, ки оид ба хислати мустақилонаи таҳқиқоти иҷрошуда хулосабарорӣ карда шавад. Диссертатсия ба тамоми талаботҳои пешниҳодшаванда ба корҳои илмӣ-тахассусӣ мутобиқат мекунад. Нуқтаҳо ва хулосаҳои асосӣ метавонанд ҳамчун саҳми арзанда ба инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ бандубаст шаванд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Хоҷаев Ҳикматулло Ҳимматович дар мавзуи «Тундгароии динӣ ва паҳншавии он дар шароити тағйирпазирии ҷомеа (таҷрибаи Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи муқаррарнамудаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021 таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, мутобиқат мекунад. Хоҷаев Ҳикматулло Ҳимматович барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ сазовор мебошад.



Сканировано с CamScanner

**Муқаррizи расмӣ:**
Мудири шуъбаи гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ
ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои
таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи
рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон,
номзади илмҳои сиёсӣ,
Назиров Назир Давлатхоҷаевич /____________/

Имзои н.и.с. Назиров Н.Д.-ро тасдиқ менамоям.
Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузорӣ
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомӣ ____________/ Ҳакимова Х.

Суроға:
ш.Душанбе, кӯчаи академик А.Адҳамов 11. 05.03.2025 с.



Сканировано с CamScanner